## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи “Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолкшиносӣ**

Рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович ба мавзуи хеле муҳим **«Сарчашаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** бахшида шудааст. Зиндагинома ва масоили марбут ба эҷодиёти ин суханвари бузург дар рисолаю пажуҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври густарда ва муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Вале дар сарчашмаҳои фолклорӣ устод Рӯдакӣ ва эҷодиёти ӯ аввалин бор дар шакли рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ интихоб шудааст, ки мо бовар дорем ба бисёр масоили баҳсноки мавзуи мавриди назар ҷавоби муносиб пайдо хоҳем кард. Зеро ба ҳама аҳли таҳқиқ маълум аст, ки дар масъалаи зодгоҳи Рӯдакӣ, ҳамасрони шоир, миқдори эҷодиёти суханвар ва интисоби баъзе аз абёту қасоиди ӯ дар байни муҳаққиқон назарҳои гуногун вуҷуд дорад, ки барои кушодани баъзе гиреҳҳои ин матолиби мубоҳисавӣ ривояту нақлҳои мардумӣ метавонанд мусоидат карда бошанд. Муҳақиқи ҷавон шояд ҳамин вазъро дар назар дошта, ба хулосае меояд, ки «Аммо нақши ин ривояту нақлҳои мардумӣ дар муайян намудани тарафҳои гуногуни ҳаёт, ҳунарҳо, муносибатҳо ва ҳатто симову сувари нобиғае чун устод Рӯдакӣ то ба имрӯз ба таври алоҳида ва дар муқоиса бо санаҳои таърихии ҳаёти ӯ таҳлилу тафсир нагардидааст». Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзуи мавриди пажуҳиш муҳим буда, он барои муайян намудани масъалаҳои муҳимми улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик зарур ва саҳмгузор мебошад. Муҳаққиқ барои таҳқиқ ва собит намудани ин андешаи худ тамоми ривоёту нақлҳои мардумиро, ки ба Рӯдакӣ ва шахсияти ӯ марбут аст, мавриди омӯзиш ва ташхиси илмӣ қарор дода, онро ба дараҷаи рисолаи номзадӣ расонда, нақши ин жанрҳои фолклориро дар ташаккули адабиёти мардумӣ хеле равшан ва амиқ нишон дадааст. Бояд тазаккур дод, ки устод Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бо осори гаронбаҳои худ ба сифати поягузори адабиёти форсии тоҷикӣ шинохта шудааст.

Муҳаққиқ дар асоси матни ривоёту нақлҳо оид ба шоир ва муносибати ӯро ба сиёсати замон баррасӣ намуда, дар мавридҳои муносиб баъзе абёти шоирро бо муодилҳои мардумӣ бо усули муқоисавӣ-таърихӣ ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Яке аз масъалаҳое, ки таваҷҷуҳи муҳаққикро ба худ кашидааст, ин масъалаи нобиноии шоир мебошад. Пажуҳишгар дар ин масъала маводи зиёди ривоятию нақлии мардумиро ҷамъоварӣ намуда, дар мавридҳои муносиб такя бар далелу санадҳои дар ихтиёр дошта, бо пешвоёни ин баҳс мубоҳисаи илмӣ менамояд, ки ин гувоҳ бар он аст, ки муҳаққиқи ҷавон метавонад дар ҳар гуна ҳамоишу баҳсҳои илмӣ мустақилона аз мавқеи илмии худ дифоъ кунад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки забон ва услуби ривоёту нақлҳо ва вариантҳои баъзе аз абёти шоир аз таваҷҷуҳи Фаредун Исмоилов берун намондааст. Муҳаққиқ ба забон ва услуби ривоёт ва дигар маводи фолклорӣ нигоҳ накарда, ҳар як маводро аз лиҳози шеваи баён ва сабки нигориш таҳқиқ намуда, чунин мепиндорад, ки осори шифоҳии мардумӣ оид ба Рӯдакӣ ва эҷодиёти шоир ба хубӣ тавонистааст, "малоҳати лафзи арабиро" бо "дақоиқи пухтаи порсӣ" чунон таҳмил диҳад, ки сухане нишонрас ва аз нигоҳи фасоҳату балоғат расо ва пухтаро ба хонандагон пешниҳод намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии муосир бори аввал сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шакли рисолаи алоҳида таҳқиқ шуда, рисола дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти фолклорӣ аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқоти тоза ва анҷомёфта мебошад.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини рисолаи мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ бори аввал дар заминаи маводи интиқодие, ки дар солҳои 70-90-уми садаи XX дар сарчашмаҳои фолклорӣ дастрас гардидааст, масъалаҳои умумии шинохти Рӯдакиро дар адабиёти мардумӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба натоиҷи хеле назаррас дастёб гардидааст.

Рисолаи илмии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи "Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводи пажуҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи муқаррароте, ки муайян шудааст, таҳия шуда, дар он аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи тадқиқотӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳаммияти илмию амалии тадқиқ, навоварӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар таҳқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

1. Дар таҳқиқоти мазкур ривоёт ва накл ҳамчун жанри адабиёти шифоҳӣ баррасии бештареро тақозо дорад.

2. Ҳамчунин дар фишурдаи тоҷикии рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки рисолаи мазкур ба сифати як асари таҳқиқотӣ дар мавзуи муҳим барои улуми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик ба муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршимносӣ, мардумшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович таҳти унвони “Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта комилан ба меъёри рисолаҳои номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09-Фолклоршиносӣ мебошад.

**Номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи фанҳои**
**гуманитарии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**

**Имзои Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Н.А. Бухориев**

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**16 уми ноябри 2022**